# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ оид ба диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” (исму сифат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02 01. –Забони тоҷикӣ**

Маълум аст, ки забони тоҷикӣ таърихи дуру дароз дошта, дорои ёдгорҳои бешумори хаттӣ мебошад. Бо вуҷуди ин ки мо соҳиби чунин ёдгорҳои зиёду гаронбаҳои хаттӣ ҳастем, вале то имрӯз на ҳамаи онҳо аз лиҳози луғат, грамматика, калимасозӣ ва ҳусни сухан омӯхта шудаанд. Ҳарчанд то ҳол доир ба баъзе хусусиятҳои калимасозии ин ё он категорияи грамматикӣ дар ёдгорҳои ниёгонамон маълумот, қайдҳои алоҳида ба назар мерасанд, вале калимасозии таърихии забони тоҷикӣ то ҳол пурра ва ҳамаҷиҳата таҳқиқ нашудааст, ҳол он ки таърихан омӯхтани ин масъала барои муайян кардани қонуниятҳои забони ҳозира аҳаммияти калон дорад.

Диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич ба таҳлили хусусиятҳои корбурди исму сифатҳои сохтаи яке аз осори арзишманди тарҷумавии садаи X – “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” бахшида шудааст, ки бо фармони яке аз амирони сомонӣ – Абусолеҳ Мансур ибни Нӯҳ беш аз бист нафар аз уламову фуқаҳои Мовароуннаҳр аз минтақаҳои Бухоро, Балх, Самарқанд, Испиҷоб, Фарғона ва м. инҳо ба тарҷумаи тафсири мазкур пардохтанд.

Таҳлили масъалаи мазкур аз он иборат аст, ки умумияту тафовути забони “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ”-ро на танҳо аз осори дигари ин даврон таълифшуда дар мисоли исму сифатҳои сохта нишон дода шавад, балки фарқи забони ин асарро аз осори дигари давраҳои минбаъдаи инкишофи забони тоҷикӣ инъикос намояд. Ҳамчунин мақсад гузошта шудааст, ки дараҷаи тафовут пайдо намудани забони тоҷикии асри даҳум аз даврони ҳозира дар мисоли калимаҳои сохтаи мансуб ба исму сифати “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” нишон дода шавад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар мавзуи “Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” (исму сифат)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Дар муқаддима дар бораи мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани он, робитаи таҳқиқ бо мавзуъҳои ниҳоди илмӣ, мақсаду методҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариву амалии он, обйекту предмети таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва монанди инҳо баён шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия “Хусусиятҳои вандҳои исмсоз” ном дошта, аз чор фаслу ҳабдаҳ зерфасл иборат буда, ба нақши пешванд ва пасвандҳои калимасози дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” мустаъмал бахшида шудааст.

**Боби дуюми** диссертатсия - «Хусусиятҳои вандҳои сифатсоз» фарогири се фаслу шонздаҳ зерфасл буда, дар чунин бахшҳо роҷеъ ба пешвандҳо ва пасвандҳои сифатҳои аслию нисбисоз мулоҳизаронӣ шудааст.

**Боби сеюми** диссертатсия - “Вижагиҳои хоссаи забони “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ”дар корбурди исму сифатҳои сохта” шомили се фаслу шаш зерфасл буда, дар онҳо мувозиҳои исму сифатҳои сохта, доираи маъноии онҳо, унсурҳои луғавии нодир баррасӣ шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навовариҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи “Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттетсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ баён гардидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 4 мақола дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва 7 мақола дар маҷмуаву маҷаллаҳои илмии дигар нашр гардидаанд. Инчунин мазмуну мухтавои пажуҳиши мазкур дар конференсияҳои илмӣ баён карда шудаанд. Мақолаҳои илмии муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Қобилов Аҳмад Абдуллоевич таҳти унвони «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” (исму сифат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотияшон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Ҳомидов Дилмурод**- доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Юсуфов Абдулло Исмоилович** – номзади илми филология, директори маркази тарҷумаи адабиёт ва истилоҳоти соҳавии Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии ба номи С. Улуғзода пешниҳод мешавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви Шурои диссертатсионӣ Султон Ҳ.Б.

**Узви комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви Шурои диссертатсионӣ Назарзода С.

доктори илми филология,
узви Шурои диссертатсионӣ Нуров П.

8 декабри соли 2023